# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-061 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика доир ба ихтисоси 1.1.1. - Таърихи илму техника (математика)**

Парвандаи аттестатсионии №________________

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 28.08.2026, №6 барои сазовор донистани **Исмоилзода Абдулмаҷид Шералӣ**, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика.

Диссертатсияи **Исмоилзода Абдулмаҷид Шералӣ** дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.1. - Таърихи илму техника (математика) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-061 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (воқеъ дар суроғаи: 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми декабри соли 2025, таҳти №466/шд) 6-уми майи соли 2026, суратмаҷлиси №2 ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Исмоилзода Абдулмаҷид Шералӣ соли 5-уми феврали соли 1995 дар ҷамоати шаҳраки Ҷалолиддини Балхии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Соли 2001 ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ №62 ноҳияи мазкур рафта, онро соли 2012 хатм намудааст. Соли 2012 ба Донишгоҳи давлати Бохтар ба номи Носири Хусрав, ба факултети физика-математика, ихтисоси "математика-информатика" дохил шуда, онро соли 2017 бо муваффақият хатм намудааст. Аз соли 2017 ин ҷониб дар вазифаи омӯзгори кафедраи алгебра ва

геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав кору фаъолият дорад. Оиладор, соҳиби се фарзанд.

Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар бораи супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ дар таърихи 27.05.2024, таҳти №24/05-54 ба Исмоилзода Абдулмаҷид Шералӣ шаҳодатнома додааст, ки ӯ ҳақиқатан имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм бо баҳои "хуб", забони хориҷӣ (англисӣ)-ро бо баҳои "хуб", ихтисос (таърихи илм ва техника)-ро бо баҳои "аъло" супоридааст.

Диссертатсия дар кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ: Сатторов Абдурасул Эшбекович,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи ДДБ ба номи Носири Хусрав.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Хайруллоҳзода Шамсуллоҳ Амрулло** - доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи алгебра ва назарияи ададҳои Донишгоҳи миллим Тоҷикистон;
2. **Қурбонов Диловаршо Мирзоевич** - номазади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи физикаи умумӣ ва назариявии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

**Муассисаи тақриздиҳанда** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи **Исмоилзода Абдулмаҷид Шералӣ** дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.1. - Таърихи илму техника (математика) бо

имзои **раиси ҷаласа, ташхисгар** ва **котиби ҷаласа,** омода гардида бо имзои ректори донишгоҳ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И. аз 13 июни соли 2026 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст.

Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии **Исмоилзода Абдулмаҷид Шералӣ** дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.1. - Таърихи илму техника (математика) ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз руйи ихтисоси 1.1.1. - Таърихи илму техника (математика) сазовор мебошад.

Ба унвонии шурои диссертатсионии 6D.КОА-061 тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати **Исмоилзода Абдулмаҷид Шералӣ** ворид шудаанд:

1. **Қурбоншоев С.З.** – профессори кафедраи математикаи олии Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Русия, доктори илмҳои физикаю математика. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

2. **Собиров А.Ш.** – профессори кафедраи алгебра ва назарияи ададҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои физикаю математика. Тақриз мусбат аст.

3. **Раҳимзода А.О.** – директори Институти математикаи ба номи академик А. Ҷӯраеви Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои физикаю математика, дотсент. Тақриз мусбат аст.

4. **Тухлиев Қ.** – профессори кафедраи информатика ва математикаи ҳисоббарори факултети математикаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, доктори илмҳои физикаю математика, профессор. Тақриз мусбат аст.

**Исмоилзода Абдулмаҷид Шералӣ** муаллифи 1 - дастури таълимӣ, 1 - ёрии методӣ, 22 мақолаи илмӣ буда, 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшандаи КОА-и назди Президенти Ҷуҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Инчунин, номбурда бахшҳои мухталифи кори хешро дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва ҷумҳуриявию байналмилалӣ маъруза намудааст.

[1-М]. ***Исмоилов А.Ш.*** Аз таърихи муайянкунии ададҳои сода [Матн] / **А.Ш. Исмоилов**, А.Э. Сатторов // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2021. – № 2/2 (87). – С. 88-91. (силсилаи илмҳои табиӣ).

[2-М]. ***Исмоилов А.Ш.*** Аз таърихи ҷудокунии ададҳои сода [Матн] / **А.Ш. Исмоилов**, А.Э. Сатторов // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2021. – № 2/3 (90). – С. 107-110. (силсилаи илмҳои табиӣ).

[3-М]. ***Исмоилов А.Ш.*** Аз таърихи такмили усули «Ғалбери Эратосфен» [Матн] / **А.Ш. Исмоилов** // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2023. – № 2/2 (111). – С. 94-97. (силсилаи илмҳои табиӣ).

[4-М]. ***Исмоилов А.Ш.*** Аз таърихи такмилёбии назарияи тақсимшавии асимптотии ададҳои сода [Матн] / **А.Ш. Исмоилов** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2024. – № 4. – С. 285-291. (силсилаи илмҳои педагогӣ)

[5-М]. ***Исмоилов А.Ш.*** Аз таърихи муаммои назарияи аддитивии ададҳои сода [Матн] / **А.Ш. Исмоилов**, А.Э. Сатторов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2024. –№ 6 қисми 1. – С. 208-214. (силсилаи илмҳои педагогӣ)

[6-М]. ***Исмоилзода А.Ш.*** Таҳқиқотҳо оид ба назарияи ададҳои сода дар солҳои истиқлолият [Матн] / **А.Ш. Исмоилзода** // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2026. – № 2. – С. 89-96. (силсилаи илмҳои табий).

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295), интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи таърих буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну мӯҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд:

- инкишофи назарияи ададҳои сода дар замонҳои қадим ва омӯзиши донишҳои назарияи ададҳои сода дар осори олимони форсу тоҷик дар асрҳои миёна;
- осори олимони Аврупои асрҳои XVI-XIX ва дастовардҳои онҳо доир ба назарияи ададҳои сода;
- таҳқиқи назарияи ададҳои сода дар замони шуравӣ;
- дастовардаҳои олимони тоҷик доир ба назарияи ададҳои сода дар замони муосир.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Маводи таҳқиқот, хулоса, натиҷа, пешниҳод ва интишороти муаллиф метавонад ҳамчун манбаи омӯзишӣ дар соҳаи математика (назарияи ададҳо) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбии олии кишвар истифода шаванд:

- натиҷаҳои таҳқиқотро ҳангоми таълифи пажӯҳишоти ҷамъбастӣ оид ба математика дар Тоҷикистон ва берун аз он, ҳангоми таълими фанни алгебра ва назарияи ададҳо ва курсҳои махсус дар МТМУ ва МТОК-и кишвар, хусусан дар факултети математика ва риштаҳои тахассусии математикӣ метавон истифода бурд.

- натиҷаи омӯзиш метавонад дар шакли мақолаҳои илмӣ, илмию методӣ ва илмию оммавӣ, рисолаҳои хатм барои донишҷӯёну магистрантон, унвонҷӯён ва докторантони PhD барои навиштани рисолаҳои тахассусӣ истифода шавад;

- инчунин натиҷаи кор барои омӯзгорони МТМУ ва устодону омӯзгорони МТОК-и олии кишвар манфиатовар хоҳад буд;

- аз натиҷаи таҳқиқот, албатта, дар навиштани монографияҳо ва маҷмуаҳои тахассусӣ муҳаққиқони соҳаи математика метавонанд васеъ истифода баранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Асоси методологии диссертатсияро принсипи риёзӣ, таҳлили назарияи ададҳои сода, ташаккули донишҳои математикӣ ташкил намуда, имконият медиҳад, ки далелҳои математикӣ вобаста ба таҳқиқи ҳосилкунии маҷмуи ададҳои сода аз қатори ададҳои натуралӣ дар фанни математика баррасӣ гарданд. Ҳамзамон дар ҷараёни таҳқиқот методҳои гуногуни ҳосилкунии ададҳои сода аз қатори ададҳои натуралӣ баррасӣ шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли гузориш дар семинару ҷаласаҳои кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва дар семинари илмии Институти илмӣ-таҳқиқотии илмҳои табииётшиносӣ, риёзӣ ва таърихи илму техникаи назди Донишгоҳ, дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ дар донишгоҳҳои Бохтар, Хуҷанд, Кӯлоб,

Душанбе ва дар шаҳри Қазон (Федератсияи Россия) баррасӣ гардидаанд. Бахше аз натиҷаҳои пажӯҳишот инчунин муҳокима гардидаанд.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсиони 6D.КОА-061 аз санаи 28 августи соли 2026 оид ба сазовор донистани **Исмоилзода Абдулмаҷид Шералӣ** ба дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.1. - Таърихи илму техника (математика), **хулосаи мусбати** муқарризон, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** шурои диссертатсиониро ба инобат гирифта, бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии назариявӣ ва амалии таҳқиқот, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия мувофиқи бандҳои 93-94-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295), **қарори зерин қабул карда шуд:**

1. Баромад ва муҳокимаи диссертатсияи **Исмоилзода Абдулмаҷид Шералӣ** дар мавзуи «**Таърихи ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода**», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.1. - Таърихи илму техника (математика) пешниҳод шудааст, баромади муқарризони расмӣ: Хайруллоҳзода Шамсуллоҳ Амрулло - доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи алгебра ва назарияи ададҳои Донишгоҳи миллим Тоҷикистон; Қурбонов Диловаршо Мирзоевич - номазади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи физикаи умумӣ ва назариявии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, баромади муқарризони ғайрирасмӣ, аъзоёни шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи муҳокимашаванда, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** шуро оид ба диссертатсия ба инобат гирифта шаванд.

2. Автореферат ва маводи илмии нашрнамудаи унвонҷӯй мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

3. Ба Исмоилзода **Абдулмаҷид Шералӣ** дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.1. - Таърихи илму техника (математика) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки қарори шурои диссертатсионӣ оид ба **Исмоилзода Абдулмаҷид Шералӣ** додани дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.1. - Таърихи илму техника (математика)-ро дастгирӣ намуда, барои додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика мусоидат намояд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро13 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 4 нафар доктори илм-мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 13 нафар иштирокдоштагон дар ҷаласа, ки ба шуро шомил будаӣд, чунин овоз доданд: тарафдор - 13 нафар, муқобил – нест, зид – нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Комилӣ А.Ш.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ** **Холов М.Ш.**

28 августи соли 2026

Ҷ.М.